# Ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар семоҳаи якуми соли 2021 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда

Submitted by Ҳайати тадорукот on 16 April, 2021 - 15:07

[1]

Имрӯз 16-уми апрели соли 2021, соати 1300 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар семоҳаи якуми соли 2021 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда бо иштироки аъзои Ҳайати мушовара, раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита баргузор гардид.
Дар оғоз раиси Кумита тибқи тартиб масъалаҳои рӯзномаро муаррифӣ намуда, ҳузури иштирокдоронро ба маҷлиси имрӯза хайра мақдам гуфт.

Доир ба ҷамъбасти фаъолияти Кумита дар семоҳаи якуми соли 2021 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита – Мансурӣ Ш. гузориш дод. Баъдан, он аз ҷониби узви Ҳайати мушовара ва кормандони Кумита мавриди муҳокима қарор гирифта, маҷлис ба ин қарор омад, ки ҳисоботи фаъолияти Кумита дар семоҳаи якуми соли 2021 қаноатбахш ҳисобида шавад.

Ҷаласаи Ҳайати мушовараро раиси Кумита доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст намуд.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]

**Source URL:**https://www.kumitaizabon.tj/en/node/6738

**Links**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-001.JPG [2] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/28 [3] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10